**Бонки миллии Тоҷикистон**
**Пажуҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотӣ**

# Натиҷаи назарсанҷӣ дар мавзуи “Муайянсозии ҳолат ва сатҳи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Душанбе 2025

**Мундариҷа**


1. **Маълумоти умумӣ** .......... 3

1.1. Иштироки респондентон аз рӯйи ҷинс .......... 3

1.2. Иштироки респондентон аз рӯйи синну сол .......... 4

1.3. Сатҳи маълумотнокии респондентон .......... 5

1.4. Иштироки респондентон дар назарсанҷӣ аз рӯйи минтақаи истиқомат .......... 5

1.5. Иштироки респондентон дар назарсанҷӣ аз рӯйи макони зист .......... 6

1.6. Иштироки респондентон аз рӯйи шуғлнокӣ .......... 6

1.7. Манбаи асосии даромади респондентон .......... 7

2. **Дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ ва интернет** .......... 8

2.1. Дастрасӣ ба интернет ба воситаи таҷҳизот .......... 8

2.2. Дастрасӣ ба интернет аз рӯйи намуд .......... 8

**3. Истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ** .......... 10

3.1. Истифода аз воситаҳои электронии пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ . 10

3.2. Истифодабарӣ аз рӯйи намуди воситаҳои пардохти электронӣ .......... 12

3.3. Шумораи корти бонкии истифодашавандаи респондентон .......... 13

3.4. Шумораи замимабарномаҳои мобилии ТҚМ респондентон ..........14

3.5. Мунтазамии истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ .......... 15

3.6. Мақсадҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ .......... 16

3.7. Афзалиятҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ .......... 18

**4. Монеаҳо ва ниёзҳо** .......... 19

4.1. Мушкилиҳо ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ .......... 19

4.2. Арзёбии дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ .......... 21

4.3. Арзёбии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ .......... 22

4.4. Арзёбии сифати хизматрасониҳои молиявии рақамӣ .......... 23

4.5. Муроҷиат дар сурати дучор шудан ба ягон мушкилот ва ё ҳолатҳои қаллобӣ .... 24

4.6. Хоҳиши респондентон оид ба гирифтани омӯзиш дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ .......... 25

4.7. Қуллай будани усули гирифтани иттилоот барои респондентон .......... 25

4.8. Пешниҳодҳои респондентон оид ба беҳтар кардани хизматрасониҳои молиявии рақамӣ .......... 27

**Хулоса** .......... 28

## 1. Маълумоти умумӣ

Бо мақсади таъмини иҷрои фармоиши Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2025, №1205/28.2 "Дар бораи гузаронидани назарсанҷӣ дар мавзуи "Муайянсозии ҳолат ва сатҳи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ аз санаи 17 то 20 июни соли 2025 дар мавзуи "Муайянсозии ҳолат ва сатҳи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ миёни шаҳрвандони ҷумҳурӣ назарсанҷӣ гузаронид.

Назарсанҷии мазкур тавассути 38 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 бонк ва 23 ташкилоти амонатии қарзии хурд дар байни аҳолӣ гузаронида шуд.

Дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Ваҳдат ва ноҳияи Рӯдакӣ бо сафарбар намудани кормандони пажуҳишгоҳ ва департаменти низоми пардохт мониторинги раванди назарсанҷӣ ба роҳ монда шуд. Ҳамчунин, шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва шаҳраки Ғарм мониторинги раванди назарсанҷиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо дар минтақаҳо бо сафарбар намудани кормандони дахлдори худ таъмин намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки респондентон бо усулҳои гуногун ба назарсанҷӣ фаро гирифта шуда, онҳо шахсони воқеие мебошанд, ки дар ин давра ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ муроҷиат намудаанд, ба истиноди аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ дастрасшуда дар шабакаи интернет ворид гардида, варақаи назарсанҷиро пур карда, равон намудаанд.

Аз рӯйи ҷавобҳои додашудаи 6187 нафар респондентон натиҷаи назарсанҷӣ ҷамъбаст карда шуд.

1.1. Иштироки респондентон аз рӯйи ҷинс

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ маълум намуд, ки аз шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ иштироккнамуда (6187 нафар) аз рӯйи ҷинс 2595 нафар ё 42 фоиз зан ва 3592 нафар ё 58 фоизро мард ташкил дода, иштироки мардҳо нисбат ба занҳо 16,2 банди фоизӣ зиёд мебошад (ниг. ба диаграммаи 1).

Диаграммаи 1. Таносуби респондентон аз рӯйи ҷинс




1.2. Иштироки респондентон аз рӯйи синну сол

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ аз рӯйи гурӯҳбандии синну солӣ нишон дод, ки аз шумораи умумии респондентон 1112 нафар ё 18,0 фоиз ба синну соли 25 – 29 сола, 1108 нафар ё 17,9 фоиз аз 30 - 34 сола, 963 нафар ё 15,6 фоиз 35 - 39 сола, 743 нафар ё 12,0 фоиз 40 - 44 сола ва 723 нафар ё 11,7 фоиз 20 - 24 сола ташкил медиҳад. Боқимонда 1588 нафар ё 25,7 фоизи респондентон ба дигар гурӯҳҳои синну солӣ (аз 2,5 то 8,2 фоиз) рост меоянд (ниг. ба диаграммаи 2).

Диаграммаи 2. Гурӯҳбандии респондентон аз рӯйи синну сол (фоиз)




Лозим ба қайд аст, ки гурӯҳи фаъоли истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявии рақами синну соли 25-34 ба ҳисоб рафта, зиёда аз се яки (36%) респондентонро ташкил медиҳад.

### 1.3. Сатҳи маълумотнокии респондентон

Масъалаи дигаре, ки дар назарсанҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд, сатҳи маълумотнокии респондентон мебошад. Омӯзиши ин масъала муайян намуд, ки таносуби иштироки респондентон аз рӯйи сатҳи маълумотнокӣ гуногун буда, ҳиссаи аз ҳама бештар - 50,5 фоиз шахсони маълумоти олии касбӣ доштаро дар бар гирифта, дар зиннаи дуюм ҳиссаи таҳсилоти миёнаи касбӣ - 24,2 фоиз, дар зиннаи сеюм ҳиссаи таҳсилоти умумӣ - 19,4 фоиз ва дар зинаи ниҳоӣ таҳсилоти ибтидоии касбӣ дошта - 4,6 фоиз ҷойгир шудаанд. Боқимонда респондентон - 1,3 фоиз, дигар сатҳи маълумотнокиро нишон доданд (ниг. ба диаграммаи 3).

Диаграммаи 3. Ҳиссаи респондентон аз рӯйи сатҳи маълумотнокӣ (фоиз)




### 1.4. Иштироки респондентон дар назарсанҷӣ аз рӯйи минтақаи истиқомат

Агар иштироки респондентони назарсанҷиро аз рӯйи минтақаи истиқомат мавриди омӯзиш қарор диҳем, маълум мегардад, ки ҳиссаи иштирокдорони назарсанҷӣ дар вилояти Суғд 31,9 фоиз, вилояти Хатлон 26,2 фоиз, шаҳри Душанбе 14,6 фоиз, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) 25,1 фоиз ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) – 2,1 фоизро ташкил медиҳад (ниг. ба диаграммаи 4).

Диаграммаи 4. Иштироки респодентон аз рӯйи минтақаи истиқомат (фоиз)




### 1.5. Иштироки респондентон дар назарсанҷӣ аз рӯйи макони зист

Коркарди маводи натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки аз шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ ширкат варзидаанд, 3470 - нафар ё 56,1 фоиз дар деҳот ва 2717 - нафар ё 43,9 фоиз дар шаҳр истиқомат мекунанд. Ҳолати иштироки респондентон аз рӯйи макони зист дар диаграмма оварда шудааст (ниг. ба диаграммаи 5).

Диаграммаи 5. Иштироки респодентон аз рӯйи макони зист (фоиз)




### 1.6. Иштироки респондентон аз рӯйи шуғлнокӣ

Муайян намудани ҳолати иштироки респондентон аз рӯйи шуғлнокӣ масъалаи дигари мавриди таҳқиқ мебошад, ки то андозае ба шуғл фарогир будани аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ

фаъол будани онҳоро ифода менамояд. Иштироки респондентон бо назардошти шуғли онҳо муайян намуд, ки ҳиссаи аз ҳама бештар - 26,5 фоиз коргар/хизматчии бахши давлатӣ, дар зиннаи дуюм - 18 фоиз коргари бахши хусусӣ ва дар зиннаи сеюм соҳибкор – 13,8 фоиз ташкил намуда, ҳиссаи шахсони хонашин – 10,8 фоиз, шахсони дар хоҷагиҳои деҳқонӣ шуғлдошта - 9,3 фоиз, муҳоҷирони меҳнатӣ - 6,3 фоиз, донишҷӯён - 4,9 фоиз, шахсони бекор - 3,9 фоиз ва шахсони нафақахӯр - 3,2 фоизро ташкил дода, инчунин 2,4  фоизи респондентон ҳолати дигар шуғлнокиро нишон додаанд (ниг. ба диаграммаи 6).

Диаграммаи 6. Иштироки респодентон аз рӯйи шуғлнокӣ (фоиз)




1.7. Манбаи асосии даромади респондентон

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ вобаста ба манбаи асосии даромади респондентон нишон дод, ки дар ҷавобҳо ҳиссаи асосиро аз шумораи умумии ҷавобҳо музди меҳнат – 50,3 фоиз, интиқоли маблағ – 23,2 фоиз, даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ – 18,3 фоиз, нафақа – 3,3 фоиз ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ - 2,2 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, 2,7 фоизи респондентон изҳор намуданд, ки манбаи асосии даромадашон дигар манбаъ мебошад (ниг. ба диаграммаи 7).

Диаграммаи 7. Манбаи асосии даромади респондентон (фоиз)



## 2. Дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ ва интернет

2.1. Дастрасӣ ба интернет тавассути истифодаи таҷҳизотҳо

Ҷиҳати муайян кардан дастрасии респондентон ба интернет барои респондентон дар варақаи назарсанҷӣ саволи: "Барои дастрасӣ ба интернет Шумо кадом таҷҳизотро истифода менамоед?", пешниҳод гардид.

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки респондентон дастрасӣ ба интернетро тавассути смартфон 83,9 фоиз, компютер/ноутбук 11, 1 фоиз ва планшет 5,0 фоиз истифода менамоянд (ниг. ба диаграммаи 8).

Диаграммаи 8. Дастрасӣ ба интернет тавассути истифодаи таҷҳизот (фоиз)




Диаграммаи 8.1 Дастрасӣ ба интернет тавассути таҷҳизот аз рӯйи макони зист (фоиз)




Дастрасӣ ба интернет тавассути истифодаи таҷҳизотҳо аз ҷониби респондентон аз рӯйи макони зист фарқкунанда мебошад (ниг. ба диаграммаи 8.1.). Аз ҷавоби респондентон муайян гардид, ки ҳиссаи дастрасӣ ба интернет тавассути смартфон дар деҳот 56 фоиз ва шаҳр 44,0 фоиз, тавассути планшет дар деҳот 47,7 фоиз ва шаҳр 52,3 фоиз, тавассути компютер/ноутбук дар деҳот 38,5 фоиз ва шаҳр 61,5 фоизро ташкил медиҳад.

2.2. Дастрасӣ ба интернет аз рӯйи намуд

Барои муайян кардани дастрасӣ ба интернет, ба респондентон дар варақаи назарсанҷӣ саволи: "Шумо чи гуна ба интернет дастрасӣ доред?", пешниҳод гардид.

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки дар маҷмуъ 82,7 фоизи респондентон дастрасӣ ба интернетро аз рӯйи интернети мобилӣ, 12,5 фоиз аз рӯйи Wi-Fi дар хона ва 3,9 фоиз аз рӯйи Wi-Fi дар нуқтаҳои дастрасии ҷамъиятӣ доранд. Ҳамзамон, 0,8 фоизи респондентон изҳор намуданд, ки интернетро истифода намебаранд (ниг. ба диаграммаи 9).

Диаграммаи 9. Дастрасӣ ба интернет аз рӯйи намуд ва макони зист (фоиз)




Ҳолати дастрасӣ ба интернет аз рӯйи намуди он вобаста ба макони зист таҳлил гардида, ҳиссаи ҷавобҳои респондентон гуногун мебошад.

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки дар ҷавобҳои респондентон ҳиссаи дастрасӣ ба интернет аз рӯйи интернети мобилӣ дар деҳот 56 фоиз ва шаҳр 44,0 фоиз, аз рӯйи Wi-Fi дар хона - деҳот 29,0 фоиз ва шаҳр 71,0 фоиз, аз рӯйи Wi-Fi дар нуқтаҳои дастрасии ҷамъиятӣ - деҳот 39,7 фоиз ва шаҳр 60,3 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, аз шумораи умумии респондентоне, ки интернетро истифода намебаранд (0,8 фоиз), 73,3 фоизи онҳо истиқоматкунандаи деҳот ва 26,7 фоиз сокини шаҳр мебошанд.

## 3. Истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

### 3.1. Истифода аз воситаҳои электронии пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ

Барои фаҳмидани ҳолати истифодабарии воситаҳои электронии пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар варақаи назарсанҷӣ саволи: "Оё Шумо дар 12 моҳи охир аз воситаҳои электронии пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода бурдед?" ҷойгир гардида буд.

Диаграммаи 10. Ҳолати истифода аз воситаҳои электронии пардохтии ТҚМ дар 12 моҳи охир




Диаграммаи 10.1. Ҳолати истифода аз воситаҳои электронии пардохтии ТҚМ аз рӯи ҷинс (фоиз)




Натиҷаи коркарди маълумотҳо муайян намуд, ки ҳиссаи бештари респондентон - 86,8 фоиз дар давоми як соли охир аз воситаҳои электронии пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода намуданд, ки дар он ҳиссаи занҳо 41,2 фоиз ва ҳиссаи мардҳо 58,8 фоизро ташкил медиҳад. Новобаста аз оне, ки респондентон аз воситаҳои электронии пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар як соли охир ба таври васеъ истифода намуданд, ҳамзамон, 13,3 фоизи онҳо иброз намуданд, ки дар ин муддат аз воситаҳои электронии пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода накардаанд, ки дар он ҳиссаи мардҳо 53,1 фоиз ва занҳо 46,9 фоизро ташкил дод.

Ҳамзамон, таҳлили натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки дар алоҳидагӣ аз рӯи ҷинс тафовути зиёд байни истифодабарандагони воситаҳои электронии пардохтӣ ҷой дорад. Зиёда аз 63,0 фоизи истифодабарандагони замимабарномаҳои мобилии ТҚМ ба мардҳо рост омада, ҳиссаи занҳо 36,5 фоизро ташкил медиҳад. Чунин тафовут дар

истифодабарандагони кортҳои бонкӣ ва суратҳисобҳои бонкӣ (58,5 фоиз мардҳо, 41,5 фоиз занҳо ва 59,3 фоиз мардҳо ва 40,7 фоиз занҳо) низ мушоҳида мегардад (ниг. ба диаграммаи 10.2).

Диаграммаи 10.2. Истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ вобаста ба ҷинс (фоиз)




Инчунин, аз натиҷаи коркарди маълумотҳо бармеояд, ки сатҳи маълумот то андозае бо масъалаи истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ алоқаманд мебошад. Тавре аз ҷавобҳои респондентон маълум гардид, бештар аз 75 фоизи респондентоне, ки аз воситаҳои электронии пардохтӣ истифода мебаранд, маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ доранд.

Барои муайянсозии ҳолат ва сатҳи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявии рақамӣ муайян намудани манбаи даромади респондентон хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Диаграммаи 10.3. Истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ вобаста ба сатҳи маълумот ва манбаи даромад (фоиз)



Бинобар ин, дар варақаи назарсанҷӣ якчанд варианти ҷавобҳо оид ба манбаи асосии даромади онҳо қайд гардид, ки дар сегонаи аввал музди меҳнат 52,5 фоиз, интиқоли маблағ 22 фоиз ва даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ 18,7 фоиз баромад намуда, истифодабарандагони фаъоли хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мебошанд. Аз рӯйи нишондиҳандаи минтақаи истиқомати истифодабарандагони хизматрасониҳои рақамӣ 55,2 фоиз ба деҳот ва 44,8 фоиз ба шаҳр рост меоянд.

3.2. Истифодабарӣ аз рӯйи намуди воситаҳои пардохти электронӣ

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ оид ба истифодабарии респондентон аз рӯйи намуди воситаҳои пардохти электронӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи асосиро аз шумораи умумии ҷавобҳо истифодаи корти бонкӣ 53,2 фоиз ва замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ – 24,6 фоиз, баъдан суратҳисоби бонкӣ – 15,5 фоиз ва замимабарномаҳои мобилии ширкатҳои алоқаи мобилӣ – 6,7 фоизро ташкил додааст (ниг. ба диаграммаи 11).

Диаграммаи 11. Ҳолати истифодабарӣ аз рӯйи намуди воситаҳои пардохти электронӣ (фоиз)




Тавре дар диаграммаи 11.1 дида мешавад, ҳолати истифодабарӣ аз рӯйи намуди воситаҳои пардохти электронӣ вобаста ба макони зист, ҳиссаи ҷавобҳои респондентон оид истифодаи замимабарномаҳои мобилии ТҚМ (шаҳр 51,4 фоиз, деҳот 48,6 фоиз), замимабарномаҳои мобилии ШАМ (шаҳр 49,1 фоиз, деҳот 50,9 фоиз) ва суратҳисоби бонкӣ (шаҳр 51,7 фоиз, деҳот 48,3 фоиз) бо ҳам наздики баробар буда, фарқият

дар истифодаи корти бонкӣ (шаҳр 43,8 фоиз, деҳот 56,2 фоиз), яъне 12,4 банди фоизӣ мушоҳида мегардад.

Диаграммаи 11.1 Ҳолати истифодабарӣ аз рӯйи намуди воситаҳои пардохти электронӣ вобаста ба макони зист (бо фоиз)




3.3. Шумораи кортҳои бонкии респондентон

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ аз рӯйи ҷавобҳои додашудаи респондентон оид ба шумораи корти бонкӣ нишон дод, ки 43,4 фоиз зиёда аз ду адад корти бонкӣ, 28,0 як адад корти бонкӣ ва 28,6 фоиз ду адад корти бонкӣ доранд (ниг. ба диаграммаи 12).

Диаграммаи 12. Ҳиссаи кортҳои бонкии респондентон аз рӯйи шумора (фоиз)




Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ оид ба истифодаи шумораи кортҳои бонкӣ вобаста ба макони зист нишон дод, ки дар

ҷавобҳои респондентон ҳиссаи истифодаи зиёда аз ду адад корти бонкӣ дар шаҳр 51,7 фоиз ва деҳот 48,3 фоиз, ду адад корти бонкӣ – деҳот 61,6 фоиз ва шаҳр 38,4 фоиз, ҳиссаи як адад корти бонкӣ – дар деҳот 63,1 фоиз ва шаҳр 36,9 фоизро ташкил медиҳад (ниг. ба диаграммаи 12.1).

Диаграммаи 12.1 Ҳиссаи кортҳои бонкии респондентон аз рӯйи шумора вобаста ба макони зист (фоиз)




3.4. Шумораи замимабарномаҳои мобилии ТҚМ респондентон

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки дорандагони замимабарномаи мобилии ТҚМ зиёда аз ду адад 63,0 фоиз, ду адад – 23,8 фоиз ва як адад 13,3 фоизро ташкил медиҳад (ниг. ба диаграммаи 13).

Диаграммаи 13. Ҳиссаи дорандагони замимабарномаи мобилии ТҚМ (фоиз)




Аз диаграммаи 13.1 бармеояд, ки дорандагони замимабарномаи мобилии ТҚМ аз рӯйи шумора вобаста ба макони зист зиёда аз ду адад –

дар шаҳр 55,5 фоиз ва деҳот 44,5 фоиз, ду адад дар деҳот 56,2 фоиз ва шаҳр 43,8 фоиз, як адад дар деҳот 58,1 фоиз ва шаҳр 41,9 фоизро ташкил медиҳад. (ниг. ба диаграммаи 13.1).

Диаграммаи 13.1 Ҳиссаи дорандагони замимабарномаи мобилии ТҚМ аз рӯйи шумора вобаста ба макони зист (фоиз)




3.5. Мунтазамии истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ

Аз таҳлили натиҷаи назарсанҷӣ маълум гардид, ки респондентон хизматрасониҳои молиявиро чунин истифода мебаранд: 41,2 фоиз "ҳар рӯз", 29,9 фоиз "якчанд маротиба дар як ҳафта", 14,6 фоиз "моҳе як маротиба" ва 14,4 фоиз "як маротиба дар як ҳафта" (ниг. ба диаграммаи 14).

Диаграммаи 14. Мунтазамии истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ (фоиз)




Аз диаграммаи 14.1 овардашуда маълум мегардад, ки мунтазамии истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби респондентон вобаста ба макони зист "ҳар рӯз" (шаҳр 52,3 фоиз, деҳот 47,7 фоиз) ва

“якчанд маротиба дар як ҳафта” (шаҳр 45,1 фоиз, деҳот 54,9 фоиз) бо ҳам наздики баробар буда, ҳиисаи истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ “як маротиба дар як ҳафта”(шаҳр 36,5 фоиз, деҳот 63,5 фоиз) ва “моҳе як маротиба” (шаҳр 31,2 фоиз, деҳот 68,8 фоиз). Лозим ба қайд аст, ки ҳиссаи респондентоне, ки аз хизматрасониҳои молиявӣ камтар истифода мебаранд (як маротиба дар як ҳафта ва моҳе як мартиба) дар деҳот нисбат ба шаҳр мутаносибан 27,0 ва 37,6 банди фоизӣ зиёдтар мебошад (ниг. ба диаграммаи 14.1).

Диаграммаи 14.1 Мунтазамии истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ вобаста ба макони зист (фоиз)




## 3.6. Мақсадҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

Яке аз масъалаҳои муҳимми назарсанҷии мазкур бо кадом мақсадҳои асосӣ истифода бурдани хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мебошад.

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки бештари респондентон хизматрасониҳои молиявии рақамиро бо мақсади “пардохти мол ва хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ” истифода мебаранд, ки 56,2 фоизро аз ҳаҷми умумии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ташкил медиҳад. Барои интиқоли маблағ - 14,9 фоиз, гирифтани қарз – 8,2 фоиз, пардохти хизматрасониҳои муздноки давлатӣ - 7,0 фоиз ва ҳиссаи боқимондаи респондентон (13,7 фоиз) хизматрасониҳои молиявии рақамиро ба дигар мақсадҳо истифода менамоянд (ниг. ба диаграммаи 15).

Диаграммаи 15. Мақсадҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (фоиз)




Ҳолати мақсадҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба макони зист аз ҷониби респондентон дар диаграммаи 15.1 оварда шудааст.

Диаграммаи 15.1 Мақсадҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба макони зист (фоиз)




Аз рақамҳои дар диаграммаи мазкур овардашуда маълум мегардад, ки мақсадҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои молиявии

рақамӣ вобаста ба макони зист оид ба пардохти мол ва хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ (шаҳр 50,8 фоиз, деҳот 49,2 фоиз), пардохти хизматрасониҳои муздноки давлатӣ (деҳот 52,0 фоиз, шаҳр 48,0 фоиз) бо ҳам наздики баробар буда, дар дигар мақсадҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ аз ҷониби репондентон тафовути зиёд байни истиқоматкунандагони деҳот ва шаҳр дида мешавад. Яъне, мақсадҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои мазкур дар деҳот вобаста ба намуди мақсадҳо мутаносибан аз 56,8 то 67,8 фоизро ташкил медиҳад (ниг. ба диаграммаи 15.1).

### 3.7. Афзалиятҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

Ҷиҳати муайян кардани афзалиятҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ барои респондентон дар варақаи назарсанҷӣ якчанд вариати ҷавобҳо ба саволи "Афзалиятҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамиро дар чӣ мебинед?", пешниҳод шуд.

Диаграммаи 16. Афзалиятҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (фоиз)




Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ аз рӯйи ҷавобҳои додашудаи респондентон оид ба афзалиятҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ нишон дод, ки 72,9 фоиз қулай ва дастрасии мунтазам (24/7) будани онҳоро афзалияти асосӣ мешуморанд. Мутаносибан 10,8 ва 8,7 фоиз афзалияти асосии истифодабарии

хизматрасониҳои молиявии рақамиро дар суръати хизматрасонии тез ва сарфаи вақт мебинанд. Боқимонда 6,7 фоиз ба афзалиятҳои асосӣ дигар амалҳо (аз 0,6 то 4,9 фоиз) рост меоянд (ниг. ба диаграммаи 16).

Диаграммаи 16.1 Афзалиятҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба макони зист (фоиз)




Ҳолати афзалиятҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба макони зист дар диаграммаи зерин оварда шудааст.

Аз диаграмма дида мешавад, ки афзалияти сарфаи хароҷот барои роҳкиро (нарафтан ба бонк) барои истиқоматкунандагон (дар шаҳр ва деҳот - 50 фоизӣ) баробар буда, тафовути зиёд байни сокинони шаҳр ва деҳот дар афзалиятҳои бехатарӣ (шаҳр 26,9 фоиз, деҳот 73,1 фоиз) ва сарфаи вақт (шаҳр 35, 6 фоиз, деҳот 64,4 фоиз) дида мешавад. Дар дигар афзалиятҳои асосӣ аз рӯйи ҷавобҳои респондентон байни итиқоматкунандагони шаҳр ва деҳот тафовути начандон зиёд ба чашм мерасад (ниг. ба диаграммаи 16.1).

## 4. Монеаҳо ва ниёзҳо

### 4.1. Мушкилиҳо ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

Яке аз масъалаҳои дигари муҳимми назарсанҷии мазкур ин мушкилиҳо ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ арзёбӣ мегардад. Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки бештари респондентон мушкилиро ҳангоми истифодабарии

хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар паст будани суръати интернет мебинанд, ки 80,7 фоизро аз ҳаҷми умумии мушкилиҳои овардашуда ташкил медиҳад. Инчунин, 7,2 фоизи респондентон мушкилиро ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар хавфи қаллобӣ маънидод карданд (ниг. ба диаграммаи 17).

Диаграммаи 17. Мушкилиҳо ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ




Ҳамчунин, 11,6 фоизи респондентон дар маҷмуъ ҷавоб доданд, ки ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ба дигар мушкилиҳо рӯ ба рӯ шудаанд.

Агар ҳиссаи ҳар як мушкилиро ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба макони зист аз рӯйи ҷавобҳои респондентон таҳлил намоем, маълум мегардад, ки сокинони деҳот нисбат ба сокинони шаҳр бештар дар паст будани суръати интернет (55,5 фоиз), набудани дониш/маҳорати кофӣ барои истифодабарӣ (53,8 фоиз), набудани эътимод ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (56,6 фоиз), хавфи қаллобӣ (53,7 фоиз), гаронии ҳаққи хизматрасонӣ (59, 3 фоиз), набудани қувваи барқ (66,3 фоиз) ва дигармушкилӣ (58,4 фоиз) ба мушкилӣ рӯ ба рӯ гардидаанд.

Диаграммаи 17.1 Мушкилиҳо ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба макони зист (фоиз)




4.2. Арзёбии дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

Яке аз масъалаҳои муҳими назарсанҷӣ муайян кардани арзёбии аҳолӣ ҷиҳати тағйирёбии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, дар варақаи назарсанҷӣ барои респондентон саволи: "Дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ аз нигоҳи Шумо дар муқоиса ба соли гузашта чӣ гуна тағйир ёфтааст?", ҷойгир гардида буд.

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ аз рӯйи ҷавобҳои додашудаи респондентон нишон дод, ки 78,2 фоиз ҷавоб доданд, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои расмии молиявии рақамӣ дар муқоиса бо соли гузашта беҳтар гардидааст, 15,6 фоиз – тағйир наёфтааст ва 1,9 фоиз ҷавоб доданд, ки бадтар гардидааст. Ҳамчунин, 4,2 фоизи респондентон иброз намуданд, ки ба ин савол ҷавоб додан душворӣ мекашанд (ниг. ба диаграммаи 18).

Диаграммаи 18. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ аз нигоҳи респондентон дар муқоиса ба соли гузашта (фоиз)




4.3. Арзёбии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

Масъалаи дигари муҳим, ки мебояд нисбати он тазаккур дод, ин муайян намудани ҳолати истифодабарии хизматрасониҳои расмии молиявии рақамӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар варақаи назарсанҷӣ барои респондентон саволи: "Истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ аз нигоҳи Шумо дар муқоиса ба соли гузашта чӣ гуна тағйир ёфтааст?", пешниҳод гардид.

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ аз рӯйи ҷавобҳои додашудаи респондентон нишон дод, 77,8 фоиз ҷавоб доданд, ки истифодабарии хизматрасониҳои расмии молиявии рақамӣ дар муқоиса ба соли гузашта беҳтар гардидааст, 16,3 фоиз - тағйир наёфтааст ва 1,7 фоиз ҷавоб додаанд, ки бадтар гардидааст. Инчунин, 4,2 фоизи респондентон иброз намуданд, ки ба ин савол ҷавоб додан душворӣ мекашанд (ниг. ба диаграммаи 19).

Диаграммаи 19. Истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ аз нигоҳи респондентон дар муқоиса ба соли гузашта (фоиз)




4.4. Арзёбии сифати хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

# # #Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ аз рӯйи ҷавобҳои додашудаи респондентон оид ба сифати хизматрасониҳои молиявии рақамӣ нишон дод, 77,4 фоиз ҷавоб доданд, ки сифати хизматрасониҳои расмии молиявии рақамӣ дар муқоиса ба соли гузашта беҳтар гардидааст, 15,9 фоиз - тағйир наёфтааст ва 2,5 фоиз ҷавоб додаанд, ки бадтар гардидааст. Инчунин, 4,5 фоизи респондентон иброз намуданд, ки ба ин савол ҷавоб додан душворӣ мекашанд (ниг. ба диаграммаи 20).

Диаграммаи 20. Сифати хизматрасониҳои молиявии рақамӣ аз нигоҳи респондентон дар муқоиса ба соли гузашта (фоиз)



Лозим ба қайд аст, ки нишондиҳандаи сифати хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мутобиқати хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ба талаботи муштариён, доираи имкониятҳо барои муштариён дастрасбуда, ҳамагуна монеаҳо барои истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мавҷудбуда, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва саводнокии молиявии истеъмолкунандагон бо дар назардошти сатҳи огаҳии муштариён ва фаҳмиши хизматрасониҳои молиявии рақамиро инъикос менамояд.

### 4.5. Муроҷиат дар сурати дучор шудан ба ягон мушкилот ва ё ҳолатҳои қаллобӣ

Натиҷаи коркарди маълумотҳо муайян намуд, ки ҳиссаи бештари респондентон (78,8 фоиз) дар сурати дучор шудани онҳо ба ягон мушкилот ва ё ҳолатҳои қаллобӣ ба бонки хизматрасон муроҷиат менамоянд, 10,6 фоиз - ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва 7, 4 фоизи онҳо ба Бонки миллии Тоҷикитсон муроҷиат менамоянд. Ҳамзамон, 3,2 фоизи респондентон изҳор намуданд, ки дар чунин ҳолат намедонанд ба куҷо муроҷиат намоянд (ниг. ба диаграммаи 21).

Диаграммаи 21. Муроҷиати респондентон дар сурати дучор шудан ба ягон мушкилот ва ё ҳолатҳои қаллобӣ (фоиз)




Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи огоҳии респондентон дар сурати дучор шудани онҳо ба ягон мушкилот ва ё ҳолатҳои қаллобӣ хеле хуб арзёбӣ мегардад.

## 4.6. Хоҳиши респондентон оид ба гирифтани омӯзиш дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

Бо мақсади муайян намудани хоҳиши аҳолӣ оид ба гирифтани омӯзиш дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар варақаи назарсанҷӣ саволи: "Оё Шумо мехоҳед дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ омӯзиш гиред?", пешниҳод гардид.

Муайян карда шуд, ки 67,7 фоизи онҳо хоҳиши гирифтани омӯзишро оид ба масъалаи мазкур доранд ва 32,3 фоиз хоҳиши гирифтани омӯзишро надоранд (ниг. ба диаграммаи 22).

Диаграммаи 22. Хоҳиши респондентон оид ба гирифтани омӯзиш дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ




## 4.7. Усулҳои гирифтани иттилоот барои респондентон

Таҳлили маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки 67,7 фоизи респондентоне, ки хоҳиши гирифтани омӯзишро дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ доранд, 34,9 фоизи онҳо усули гирифтани иттилоотро дар намуди видео - дарсҳо тавассути онлайн платформаҳо (YouTube, TikTok ва ғ.), 22,9 фоиз – дар намуди тренингҳои рӯ ба рӯ, 20,9 фоиз -тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram, Telegram ва ғ.) ва 13,7 фоизи онҳо тавассути машваратҳои телефонӣ қулайтар меҳисобанд. Инчунин, 5,9 фоизи респондентон усули гирифтани иттилоот оид ба гирифтани омӯзиш дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар намуди брошюраҳои иттилоотӣ ё овезаҳо (плакатҳо) қулайтар арзёбӣ намуданд. Ҳамзамон, 1,7 фоизи онҳо ба саволи мазкур ҷавоб надоданд (ниг. ба диаграммаи 23.).

Диаграммаи 23. Қулай будани усули гирифтани иттилоот барои респондентон (фоиз)




Ҳолати қуллай будани кадом усули гирифтани иттилоот барои респондентон оид ба гирифтани омӯзиш дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба макони зист дар диаграммаи 23.1 оварда шудааст.

Диаграммаи 23.1 Қулай будани усули гирифтани иттилоот барои респондентон вобаста ба макони зист (фоиз)




Аз рақамҳои диаграммаи 23.1 маълум мегардад, ки усули гирифтани иттилоот барои респондентон оид ба гирифтани омӯзиш дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба

макони зист дар намуди видео - дарсҳо тавассути онлайн платформаҳо (YouTube, TikTok ва ғ.) (деҳот 55,5 фоиз, шаҳр 44,5 фоиз), дар намуди тренингҳои рӯ ба рӯ (деҳот 54,9 фоиз, шаҳр 45,1 фоиз) дар намуди брошюраҳои иттилоотӣ ё овезаҳо (плакатҳо) (деҳот 62,2 фоиз, шаҳр 37,8 фоиз), тавассути машваратҳои телефонӣ (деҳот 63,2 фоиз, шаҳр 36,8 фоиз) ва дар намуди видео - дарсҳо тавассути онлайн платформаҳо (YouTube, TikTok ва ғ.) (деҳот 54.3 фоиз, шаҳр 45,7 фоиз) қуллайтар арзёбӣ менамоянд.

### 4.8. Пешниҳодҳои респондентон оид ба беҳтар кардани хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

Барои дар оянда боз ҳам беҳтар кардани хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ба респондентон дар варақаи назарсанҷӣ саволи: “Барои беҳтар кардани хизматрасониҳои молиявии рақамӣ чӣ пешниҳод доред?”, ҷойгир шуда буд.

Аз таҳлили ҷавобҳои респондентон вобаста ба саволи мазкур маълум гардид, ки як қатор пешниҳодҳо аз ҷониби онҳо барои беҳтар кардани хизматрасониҳои молиявии рақамӣ иброз гардиданд. Ин пешниҳодҳо чунин гурӯҳбандӣ карда шуданд:

1. Беҳтар намудани дастрасӣ ва баланд бардоштани суръат ва сифати интернет ва алоқаи мобилӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар хусусан дар ноҳияҳои дурдаст, инчунин паст кардани ҳаққи хизматрасонии онҳо.

2. Баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолии кишвар хусусан аҳолии деҳот, тавассути гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, тренингҳо оид ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ.

3. Ба воситаи ахбори омма бештар ва беҳтар таблиғ намудани реклама ва видеороликҳо, пахш намудани эълону хабарҳои иттилоотӣ оид ба баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ.

4. Фоизи ҳаққи хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ паст карда шаванд ва сатҳи хизматрасонии кормандони ташкилотҳои мазкур баланд бардошта шаванд.

5. Беҳтар ба роҳ мондани сатҳи хизматрасонии дастгоҳ ва таҷҳизоти барқӣ, ки ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста мебошанд.

6. Мустаҳкам намудани инфрасохтори ҳамаи минтақаҳо (беҳтар намудани сифати алоқаи шабакаҳои мобилӣ, интернет ва ғайра) ва хубтар ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо аҳолӣ.

7. Амалиётҳо байни кортҳои бонкӣ ва интиқолҳо, амалиётҳо аз ҳамёнҳои электронӣ байни бонкҳо бе ситонидани ҳаққи хизматрасонӣ анҷом дода шуда, ҳаққи хизматрасонии амалиётҳои байнибонкӣ аз 1 фоиз то ба 0,5 фоиз паст карда шаванд.

8. Замимабарномаҳои мобилии бонкӣ оид ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ содда таҳия гардида, пешниҳод карда шаванд.

9. Сатҳи бехатарӣ оид ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ баланд бардошта шуда, амнияти иттилоотии он тақвият дода шавад.

10. Ташкили барномаҳои таълимӣ ва машваратӣ барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва фаҳмондани манфиатҳои хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва ғайра.

**Хулоса**

1. Муайян гардид, ки дар назарсанҷӣ фарогирии респондентон аз рӯйи ҷинс 41,9 фоиз зан ва 58,1 фоизро мард ташкил додаанд.

2. Аз рӯйи сатҳи маълумотнокӣ ҳиссаи аз ҳама бештари - 50,5 фоиз шахсони маълумоти олии касбӣ доштаро дар бар гирифта, дар зинаҳои минбаъда ҳиссаи таҳсилоти миёнаи касбӣ - 24,2 фоиз, ҳиссаи таҳсилоти умумӣ - 19,4 фоиз ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ дошта - 4,6 фоиз ҷойгир шудаанд. Инчунин, 1,3 фоизи респондентон, дигар сатҳи маълумотнокиро нишон доданд.

3. Маълум гардид, ки ҳиссаи иштирокдорони назарсанҷӣ дар вилояти Суғд 31,9 фоиз, вилояти Хатлон 26,2 фоиз, шаҳри Душанбе 14,6 фоиз, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) 25,1 фоиз ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) – 2,1 фоизро ташкил медиҳад.

4. Натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки аз шумораи умумии респондентони дар назарсанҷӣ ширкат варзидаанд, 3470 - нафар ё 56,1 фоиз дар деҳот ва 2717 - нафар ё 43,9 фоиз дар шаҳр истиқомат мекунанд.

5. Иштироки респондентон аз рӯйи шуғли онҳо муайян намуд, ки ҳиссаи аз ҳама бештар - 26,5 фоиз коргар/хизматчии бахши давлатӣ, дар зинаҳои минбаъда - 18 фоиз коргари бахши хусусӣ ва соҳибкор – 13,8 фоиз ташкил намуданд. Инчунин, ҳиссаи шахсони хонашин – 10,8 фоиз, шахсони дар хоҷагиҳои деҳқонӣ шуғлдошта - 9,3 фоиз, муҳоҷирони меҳнатӣ - 6,3 фоиз, донишҷӯён - 4,9 фоиз, шахсони бекор - 3,9 фоиз ва

шахсони нафақахӯр - 3,2 фоизро ташкил дода, 2,4 фоизи респондентон ҳолати дигар шуғлнокиро нишон додаанд.

6. Натиҷаи назарсанҷӣ вобаста ба манбаи асосии даромади респондентон нишон дод, ки дар ҷавобҳо ҳиссаи асосиро аз шумораи умумии ҷавобҳо музди меҳнат – 50,3 фоиз, интиқоли маблағ – 23,2 фоиз, даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ – 18,3 фоиз, нафақа – 3,3 фоиз ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ - 2,2 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, 2,7 фоизи респондентон изҳор намуданд, ки манбаи асосии даромадашон дигар манбаъ мебошад.

7. Муайян карда шуд, ки респондентон дастрасӣ ба интернетро тавассути смартфон 83,9 фоиз, компютер/ноутбук 11, 1 фоиз ва планшет 5,0 фоиз истифода менамоянд. Аз рӯйи макони зист бошад, ҳиссаи дастрасӣ ба интернет тавассути смартфон дар деҳот 56 фоиз ва шаҳр 44,0 фоиз, тавассути планшет дар деҳот 47,7 фоиз ва шаҳр 52,3 фоиз, тавассути компютер/ноутбук дар деҳот 38,5 фоиз ва шаҳр 61,5 фоизро ташкил медиҳад.

8. Дар маҷмуъ 82,7 фоизи респондентон дастрасӣ ба интернетро аз рӯйи интернети мобилӣ, 12,5 фоиз аз рӯйи Wi-Fi дар хона ва 3,9 фоиз аз рӯйи Wi-Fi дар нуқтаҳои дастрасии ҷамъиятӣ доранд. Ҳамзамон, 0,8 фоизи респондентон интернетро истифода намебаранд.

Ҳиссаи дастрасӣ ба интернет аз рӯйи интернети мобилӣ дар деҳот 56 фоиз ва шаҳр 44,0 фоиз, аз рӯйи Wi-Fi дар хона - деҳот 29,0 фоиз ва шаҳр 71,0 фоиз, аз рӯйи Wi-Fi дар нуқтаҳои дастрасии ҷамъиятӣ - деҳот 39,7 фоиз ва шаҳр 60,3 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, аз шумораи умумии респондентоне, ки интернетро истифода намебаранд (0,8 фоиз), 73,3 фоизи онҳо истиқоматкунандаи деҳот ва 26,3 фоиз сокини шаҳр мебошанд.

9. Ҳиссаи бештари респондентон - 86,8 фоиз дар давоми як соли охир аз воситаҳои электронии пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода намуданд, ки дар он ҳиссаи занҳо 41,2 фоиз ва ҳиссаи мардҳо 58,8 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, 13,3 фоизи онҳо иброз намуданд, ки дар ин муддат аз воситаҳои электронии пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ истифода накардаанд, ки дар он ҳиссаи мардҳо 53,1 фоиз ва занҳо 46,9 фоизро ташкил дод.

Дар алоҳидагӣ аз рӯи ҷинс тафовути зиёд байни истифодабарандагони воситаҳои электронии пардохтӣ ҷой дорад. Зиёда аз 63 фоизи истифодабарандагони замимабарномаҳои мобилии ТҚМ ба мардҳо рост

омада, ҳиссаи занҳо 36,5 фоизро ташкил медиҳад. Чунин тафовут дар истифодабарандагони кортҳои бонкӣ ва суратҳисобҳои бонкӣ (58,5 фоиз мардҳо, 41,5 фоиз занҳо ва 59,3 фоиз мардҳо ва 40,7 фоиз занҳо) низ мушоҳида мегардад. Маълум гардид, бештар аз 75 фоизи респондентоне, ки аз воситаҳои электронии пардохтӣ истифода мебаранд, маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ доранд.

Муайян карда шуд, ки манбаи асосии даромади респондентон музди меҳнат 52,5 фоиз, интиқоли маблағ 22 фоиз ва даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ 18,7 фоиз баромад намуда, истифодабарандагони фаъоли хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мебошанд. Аз рӯйи нишондиҳандаи минтақаи истиқомати истифодабарандагони хизматрасониҳои рақамӣ 55,2 фоиз ба деҳот ва 44,8 фоиз ба шаҳр рост меояд.

10. Маълум гардид, ки ҳиссаи асосиро аз шумораи умумии ҷавобҳо истифодаи корти бонкӣ - 53,2 фоиз ва замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ – 24,6 фоиз, баъдан суратҳисоби бонкӣ – 15,5 фоиз ва замимабарномаҳои мобилии ширкатҳои алоқаи мобилӣ – 6,7 фоизро ташкил додааст.

Инчунин, муайян карда шуд, ки ҳолати истифодабарӣ аз рӯйи намуди воситаҳои пардохти электронӣ вобаста ба макони зист, ҳиссаи истифодаи замимабарномаҳои мобилии ТҚМ (шаҳр 51,4 фоиз, деҳот 48,6 фоиз), замимабарномаҳои мобилии ШАМ (шаҳр 49,1 фоиз, деҳот 50,9 фоиз) ва суратҳисоби бонкӣ (шаҳр 51,7 фоиз, деҳот 48,3 фоиз) бо ҳам наздики баробар буда, фарқият дар истифодаи корти бонкӣ (шаҳр 43,8 фоиз, деҳот 56,2 фоиз), яъне 12,4 банди фоизӣ мушоҳида мегардад.

11. Муайян карда шуд, ки 43,4 фоизи респондентон зиёда аз ду адад корти бонкӣ, 28,0 як адад корти бонкӣ ва 28,6 фоизи онҳо ду адад корти бонкӣ доранд. Инчунин, ҳиссаи истифодаи зиёда аз ду адад корти бонкӣ дар шаҳр 51,7 фоиз ва деҳот 48,3 фоиз, ду адад корти бонкӣ – деҳот 61,6 фоиз ва шаҳр 38,4 фоиз, ҳиссаи як адад корти бонкӣ – дар деҳот 63,1 фоиз ва шаҳр 36,9 фоизро ташкил медиҳад.

12. Маълум гардид, ки дорандагони замимабарномаи мобилии ТҚМ зиёда аз ду адад - 63,0 фоиз, ду адад – 23,8 фоиз ва дорандагони як адади он - 13,3 фоизро ташкил медиҳад. Инчунин, дорандагони замимабарномаи мобилии ТҚМ аз рӯйи шумора вобаста ба макони зист зиёда аз ду адад – дар шаҳр 55,5 фоиз ва деҳот 44,5 фоиз, ду адад дар деҳот

56,2 фоиз ва шаҳр 43,8 фоиз, як адад дар деҳот 58,1 фоиз ва шаҳр 41,9 фоизро ташкил медиҳад.

13. Натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки респондентон хизматрасониҳои молиявиро: 41,2 фоиз "ҳар рӯз", 29,9 фоиз "якчанд маротиба дар як ҳафта", 14,6 фоиз "моҳе як маротиба" ва 14,4 фоиз "як маротиба дар як ҳафта"истифода мебаранд.

Инчунин, мунтазамии истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби респондентон вобаста ба макони зист "ҳар рӯз" (шаҳр 52,3 фоиз, деҳот 47,7 фоиз) ва "якчанд маротиба дар як ҳафта" (шаҳр 45,1 фоиз, деҳот 54,9 фоиз) бо ҳам наздики баробар буда, ҳиисаи истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ "як маротиба дар як ҳафта"(шаҳр 36,5 фоиз, деҳот 63,5 фоиз) ва "моҳе як маротиба" (шаҳр 31,2 фоиз, деҳот 68,8 фоиз). Ҳамчунин, ҳиссаи респондентоне, ки аз хизматрасониҳои молиявӣ камтар истифода мебаранд (як маротиба дар як ҳафта ва моҳе як мартиба) дар деҳот нисбат ба шаҳр мутаносибан 27,0 ва 37,6 банди фоизӣ зиёдтар мебошад.

14. Бештари респондентон хизматрасониҳои молиявии рақамиро бо мақсади "пардохти мол ва хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ" истифода мебаранд, ки 56,2 фоизро аз ҳаҷми умумии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ташкил медиҳад. Барои интиқоли маблағ - 14,9 фоиз, гирифтани қарз – 8,2 фоиз, пардохти хизматрасониҳои муздноки давлатӣ - 7,0 фоиз ва ҳиссаи боқимондаи респондентон (13,7 фоиз) хизматрасониҳои молиявии рақамиро ба дигар мақсадҳо истифода менамоянд.

Инчунин, муайян гардид, ки мақсадҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба макони зист оид ба пардохти мол ва хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ (шаҳр 50,8 фоиз, деҳот 49,2 фоиз), пардохти хизматрасониҳои муздноки давлатӣ (деҳот 52,0 фоиз, шаҳр 48,0 фоиз) бо ҳам наздики баробар буда, дар дигар мақсадҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ аз ҷониби репондентон тафовути зиёд байни истиқоматкунандагони деҳот ва шаҳр дида мешавад. Яъне, мақсадҳои асосии истифадабарии хизматрасониҳои мазкур дар деҳот вобаста ба намуди мақсадҳо мутаносибан аз 56,8 то 67,8 фоизро ташкил медиҳад.

15. Маълум гардид, ки респондентон афзалиятҳои асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамиро аз ҳама бештар (72,9 фоиз) дар қулай ва дастрасии мунтазам (24/7) будани онҳо,

афзалияти асосӣ мешуморанд. Мутаносибан 10,8 ва 8,7 фоиз афзалияти асосии истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамиро дар суръати хизматрасонии тез ва сарфаи вақт мебинанд ва 6,7 фоиз ба афзалиятҳои асосӣ дигар амалҳо (аз 0,6 то 4,9 фоиз) рост меоянд.

Инчунин, вобаста ба макони зист афзалияти сарфаи хароҷот барои роҳкиро (нарафтан ба бонк) барои истиқоматкунандагон (дар шаҳр ва деҳот - 50 фоизӣ) баробар буда, тафовути зиёд байни сокинони шаҳр ва деҳот дар афзалиятҳои  бехатарӣ (шаҳр 26,9 фоиз, деҳот 73,1 фоиз) ва сарфаи вақт (шаҳр 35, 6 фоиз, деҳот 64,4 фоиз) дида мешавад. Дар дигар афзалиятҳои асосӣ, байни итиқоматкунандагони шаҳр ва деҳот тафовути начандон зиёд ба чашм мерасад.

16. Бештари респондентон (80,7 фоизро аз ҳаҷми умумии мушкилиҳои овардашуда) мушкилиро ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар паст будани суръати интернет мебинанд. Инчунин, 7,2 фоизи респондентон мушкилиро ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар хавфи қаллобӣ маънидод карданд ва 11,6 фоизи респондентон ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ба дигар мушкилиҳо рӯ ба рӯ шудаанд.

Вобаста ба макони зист ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ сокинони деҳот нисбат ба сокинони шаҳр бештар дар паст будани суръати интернет (55,5 фоиз), набудани дониш/маҳорати кофӣ барои истифодабарӣ (53,8 фоиз), набудани эътимод ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (56,6 фоиз), хавфи қаллобӣ (53,7 фоиз), гаронии ҳаққи хизматрасонӣ (59, 3 фоиз), набудани қувваи барқ (66,3 фоиз) ва дигармушкилӣ (58,4 фоиз) ба мушкилӣ рӯ ба рӯ гардидаанд.

Аммо сокинони шаҳр нисбат ба сокинони деҳот бештар ба суръати сусти коркарди амалиётҳо ё хатогиҳои техникӣ дар низомҳо (61,8 фоиз), мураккабии интерфейси барнома (60,7 фоиз) ва набудани дастгирии техникӣ/маълумот аз ҷониби бонк (мушкилии тамос бо бонк) – (52,8 фоиз) рӯ ба рӯ гардидаанд.

17. 78,2 фоизи респондентон ҷавоб доданд, ки  дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар муқоиса бо соли гузашта беҳтар гардидааст, 15,6 фоиз – тағйир наёфтааст ва 1,9 фоиз ҷавоб доданд, ки бадтар гардидааст ва 4,2 фоизи респондентон иброз намуданд, ки ба ин савол ҷавоб додан душворӣ мекашанд.

Инчунин, 77,8 фоизи онҳо истифодабарии хизматрасониҳои молиявии рақамиро дар муқоиса ба соли гузашта беҳтар гардидааст арзёбӣ намуданд, 16,3 фоиз - тағйир наёфтааст ва 1,7 фоиз ҷавоб додаанд, ки бадтар гардидааст ва 4,2 фоизи респондентон иброз намуданд, ки ба ин савол ҷавоб додан душворӣ мекашанд.

Ҳамчунин, 77,4 фоизи респондентон ҷавоб доданд, ки сифати хизматрасониҳои расмии молиявии рақамӣ дар муқоиса ба соли гузашта беҳтар гардидааст, 15,9 фоиз - тағйир наёфтааст ва 2,5 фоиз иброз намуданд, ки бадтар гардидааст ва 4,5 фоизи респондентон ба ин савол ҷавоб додан душворӣ мекашанд.

18. Муайян гардид, ки ҳиссаи бештари респондентон (78,8 фоиз) дар сурати дучор шудани онҳо ба ягон мушкилот ва ё ҳолатҳои қаллобӣ ба бонки хизматрасон муроҷиат менамоянд, 10,6 фоиз - ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва 7,4 фоизи онҳо ба Бонки миллии Тоҷикитсон муроҷиат менамоянд ва 3,2 фоизи респондентон  дар чунин ҳолат намедонанд ба куҷо муроҷиат намоянд. Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи огоҳии респондентон дар сурати дучор шудани онҳо ба ягон мушкилот ва ё ҳолатҳои қаллобӣ хеле хуб арзёбӣ мегардад.

19. Муайян карда шуд, ки 67,7 фоизи респондентон хоҳиши гирифтани омӯзишро дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ  доранд ва 32,3 фоиз хоҳиши гирифтани омӯзишро надоранд.

Респондентоне, ки хоҳиши гирифтани омӯзишро дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ доранд, 34,9 фоизи онҳо усули гирифтани иттилоотро дар намуди видео - дарсҳо тавассути онлайн платформаҳо (YouTube, TikTok ва ғ.),  22,9 фоиз – дар намуди тренингҳои рӯ ба рӯ, 20,9 фоиз -тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram, Telegram ва ғ.) ва 13,7 фоизи онҳо тавассути машваратҳои телефонӣ қуллайтар меҳисобанд. Инчунин, 5,9 фоизи респондентон усули гирифтани иттилоот оид ба гирифтани омӯзиш дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар намуди брошюраҳои иттилоотӣ ё овезаҳо (плакатҳо) қулайтар арзёбӣ намуданд ва 1,7 фоизи онҳо ба саволи мазкур ҷавоб надоданд.

Маълум гардид, ки усули гирифтани иттилоот барои респондентон оид ба гирифтани омӯзиш дар бораи тарзи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ вобаста ба макони зист дар намуди видео - дарсҳо тавассути онлайн платформаҳо (YouTube, TikTok ва ғ.) (деҳот 55,5 фоиз,

шаҳр 44,5 фоиз), дар намуди тренингҳои рӯ ба рӯ (деҳот 54,9 фоиз, шаҳр 45,1 фоиз) дар намуди брошюраҳои иттилоотӣ ё овезаҳо (плакатҳо) (деҳот 62,2 фоиз, шаҳр 37,8 фоиз), тавассути машваратҳои телефонӣ (деҳот 63,2 фоиз, шаҳр 36,8 фоиз) ва дар намуди видео - дарсҳо тавассути онлайн платформаҳо (YouTube, TikTok ва ғ.) (деҳот 54.3 фоиз, шаҳр 45,7 фоиз) қуллайтар арзёбӣ менамоянд.

Пажуҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотӣ